Хомток яке аз чорабиниҳои (тадбирҳои) фаровонҳосилӣ ва сифати ангур мебошад.

**Мақсади асосии хомток.**

Мақсади асосии хомток дар токҳои ҷавон ҳарчи тезтар ба шакли интихобкардаи муайян даровардани бутта мебошад. Вобаста ба ин хомток кори мураккаб буда, аз токпарварон дониш ва таҷрибаи кориро талаб мекунанд.

Бояд ёдрас шуд, ки хомток ин давоми ҷараёни токбурӣ буда, хатогиҳои, ки ҳангоми токбурӣ содиршударо, ки барои тезонидани нашъунамои бутта, шаклдиҳии буттаи ток рӯёнидани ҳосили баланду босифати ангур монеъ мешаванд, бартараф кардан аст. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки 40-65 фоизи навдаҳои навъҳои ангури маҳалӣ ва 20-25 фоизи навдаҳои навъҳои аврупоӣ беҳосил мебошанд.

Бинобар он, дар токпарварӣ канда партофтани як қисм навдаҳои беҳосил ё камҳосил ҳамчун қоидаи муҳими агротехникӣ ба ҳисоб меравад, ки онро хомток меноманд.

Дар вақти гузаронидани хомток пеш аз ҳама навдаҳои аз сари кундаи бехи ток, тана, занг ва дигар қисмҳои бисёрсола сабзида баромадаро (ба ғайр аз он навдаҳое, ки барои барқарор кардани қисмҳои шикаста, аз баҳра монда), боқимонда хамаашонро канда мепартоянд. Баъдан ба хомток намудани як қисм навдаҳои беҳосилу нолозима шурӯъ мекунанд.

Натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаҳои пешқадам нишон медиҳанд, ки навдаҳои беҳосил на фақат зиёдатӣ, балки дар баъзе мавридҳо зарурӣ низ мешаванд. Яъне токпарварон ба як навдаи ҳосилдор то ду навдаи беҳосилро боқӣ мегузаранд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳар метри мураббъаи сатҳи воиш 10-12 ва хавзаи амуди оҳану бетонӣ 18-22 навдаҳои сабз ҷой дода мешаванд.

Бояд иброз дошт, ки ҳангоми хомток дар бехи ток танҳо навдаҳои мӯътадил инкишофёта нигоҳ дошта шаванд, чунки асоси ҳосили фаровони соли ояндаро навдаҳои боқувват сабзида, таъмин карда метавонанд. Бояд таъқид кард, ки ҳангоми хомток аз химчаҳои ивазкунанда рӯидаи навдаҳои ҳосилдору беҳосилро канда партофтан лозим нест. Онҳоро эҳтиёткорона парвариш намуда, барои бунёд намудани «звенои ҳосил»-и соли оянда нигоҳ медоранд. Дар вақти хомтоки якум дар навдаҳои ҳосилдор то хӯша баргҳоро канда партофтан лозим аст. Дар вақти хомтоки дуюм дар навдаи асоси ҳам ҳосилдору ва беҳосил навдаҳои пахлуги сабзида мебароянд онҳоро баъди хуша миқдорашро кам кардан даркор ва баргҳои калони піршударо ҳам гирифтан лозим аст.

Мӯҳлати хомтоки якум дар шароити обу ҳавои ҷумҳурӣ асосан охири апрел то 10 май гузаронидан лозим аст. Ин муҳлатро дар вақти дар навдаҳо пайдо шудани хӯшагул ва печакҳо низ муайян мекунанд. Дар навдаҳои беҳосил ба ҷои хӯшгул сар аввал печак пайдо мешавад. Хомток агар сари вақт гузаронида шавад, ҳамон қадар ба манфиати кор аст, захмҳои ба вуҷуд омада барои фаъолияти буттаи ток ноаён мегузаранд.

Хомтоки дуюм асосан пас аз гул фаромадан ва дар хӯшаҳо пайдо шудани ғураҳо гузаронида мешавад. Дар ин муҳлат навдаҳои бағалӣ, навдаҳои сусту хӯшаҳояшон бесифат майда инкишоф наёфтаро канда мепартоянд. Хомток 20-30% коркарди химиявӣ бар зидди касали ва ҳашоротҳоро кам мекунад.

Хомток на танҳо канда партофтани навдаҳои беҳосил ва нолозима балки боз аз корҳои дигаре, ки ба хомток мансуб аст. Ба монанди: нӯгток, чеканка, гардолудкунии иловагӣ ва сунъӣ, истифодабарии моддаҳои танзимкунандаи рушд ва ғайра.

**Нӯгток -** ин маҳфуми чида гирифтани нӯги навдаҳои ток мебошад. Навдаҳои ток бо таъсири сабзиши қутби ҳама обу ғизоро, ки аз реша мегиранд, ба дарозӣ сабзидан сарфе мекунанд, дар натиҷа пумбакҳои бағали барг, хӯшаҳо ва баргҳои танаи навда аз он камтар истифода мебаранд. Дар ҳолати нӯгток кардан, сабзиши навдаҳо дар дохили бутта идора карда мешавад, онҳо аз сабзиш ба дарозӣ бозмемонанд ва обу ғизои аз реша омада барои мукамал гардонидани хӯшахо, пумбаҳои бағали барг, танаи навда ва баргҳо сарф мегардад, ки ин мақсади асоси нӯгток мебошад.

Барои ин нӯги навдаҳоро 1 см пучида мепартоянд. Баъзан нӯгтокро бо мақсади ба вуҷуд овардани навдаҳои бағалӣ ва ҳосили иловагӣ (дубара) мегузаронанд. Барои ин мақсад нӯги навдаро нисбатан чуқуртар ду-се буғум шикаста нӯгток мекунанд. Барои он, ки

навдаҳои бағалӣ ҳосилдор шавад, нӯгтокро бояд на фақат чуқур, балки барвақт то аз пумбакҳо неш зада сар баровардани навдаҳои бағалӣ гузаронида шавад. Ин мухлат дар вақти ба ҷои хӯшагул пайдо шудани печаки аввалин дар навдаи асосӣ ба вуҷуд меояд.

Мӯҳлати беҳтарини нӯгток ин 3-5 рӯз пеш аз гулкунӣ мебошад. Пеш аз мӯҳлат ё ин, ки пас аз он гузаронидан моҳияти таъсири нӯгтокро гум мекунад.

**Чеканка** - Чорабиние, ки ба хомток вобаста аст, чеканка мебошад. Фарқи чеканка аз нӯгток дар он аст, ки чеканка баъди тамом шудани сабзиши навдаҳои ток гузаронида мешавад. Ба ғайр аз ин, мақсаду вазифаи нӯгток ва чеканка дигар аст, инчунин дар вақти чеканка як қисми навда 40-50 см ва аз ин зиёд қайчӣ карда мешавад. Чеканка бо мақсади ба дохили буттаи ток бештар дохил шудани нури офтоб ва намбухоркунии растаниҳо камтар шавад, гузаронида мешавад. Ин имконият медиҳад, ки навдаҳои ток тезтар пухта расанд ва ба тезтар пухтани ҳосил мадад расонад. Мӯҳлати беҳтарини чеканка ин вақти қатъ шудани сабзиши навдаҳо мебошад, ки нишонаи он рост шудани нӯги навда аст. Аксар вақт ин ба охирҳои моҳи июл аввали моҳи август рост меояд.

Дар байни чорабиниҳои технологии токзор, ки ба хомток таалуқ дорад ва фоиданокии хомток аз сари вақт ва хушсифат гузаронидани он вобаста аст, ба симҳои хавоза бастани навдаҳои сабз мебошад. Ин чорабинӣ вобаста ба ҳолати сабзиши навдаҳо як-ду маротиба гузаронида мешавад. Бори аввал ҳатман пас аз хомтоки якум ва пеш аз даврави гулкунӣ вақто,ки навдаҳо ба сими дуюм расид гузаронида мешавад. Ҳангоми токбандӣ бо он эътибор додан даркор аст, ки навдаҳо дар сатҳи хавоза алоҳида-алоҳида дар масофаи камаш 5-6 см ҷой дода шаванд. Якчанд навдаро якҷоя карда бастан мумкин нест. Дафъи дуюм навдаҳои сабзро дар вақти дарозии онҳо ба қабати сими сеюм расидан гузаронида мешавад.

Навдаҳоро озодона бастан лозим, ки ҳангоми сабзиш ва ғафс шудани навда халал нарасонад.



**Суроға барои маълумот ва пешниҳод:**
**Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 21[а]**
**Тел: (992 37) 221-54-43; 227 -07-95**
**E-mail: bogparvar@mail.ru**



## АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

## ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ

# ХОМТОК ВА АҲАМИЯТИ ОН



Душанбе, 2024